*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи « Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 -Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ масъалаҳои асосии саноатикунонӣ ва таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳвари асосии рушди иқтисоди миллӣ буда тавассути он як қатор имкониятҳои мавҷуднабуда, ба вуҷуд оварда мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки меҳвари соҳаи саноат дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ васеъ буда, дар доираи он институтҳои молиявӣ ва дигар сохторҳои истеҳсолию тиҷоратӣ шомил мебошанд. Аз ин хотир, ба андешаи мо барои рушди бомароми соҳаи саноат мутаносибан соҳаи кишоварзӣ низ бартарияти бештар дошта, ба ин масъала бояд аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки нигоҳ доштани мувозинатҳои макроиқтисодӣ, устувории қурби пули миллӣ, таъмини сатҳи мутавозини таваррум, таъмини суботи низоми бонкӣ, беҳтарсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, маҳдуд кардани сатҳи воридот ва иваз кардани ҷой молҳои хориҷ ва зиёд кардани ҳиссаи содирот аз рушди соҳаи саноати кишвар вобастагии зиёд дорад.

Илова бар ин, таъмини ғизои хушсифат ба аҳолӣ ва аз муомилоти истифода берун кардани маҳсулотҳои пастсифати аз хориҷ воридшаванда вазифаи таҳқиқоти мазкур буда, дар он ҷанбаҳои амалии рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода шудааст, ки ин масъала ҳамчун муваффақияти унвонҷӯ маҳсуб меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳқиқоти анҷомдодашуда аз нуктаи назари мо унвонҷӯ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки натиҷаҳои онро дар матни автореферати диссертатсия дидан мумкин аст. Ба фикри мо, дар баробари пешравию муваффақиятҳо агар диссертант ба масъалаи зерин аҳаммият медод сифати кор беҳтар мегардид:

1. Мантиқи амалии кор беҳтар мегардид агар унвонҷӯ баъзе нишондиҳандаҳои тамоили манфидоштаро аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Зимни арзёбии ҷараёни ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон) гузаронидани таҳлили омилӣ ба манфиати кор мебуд.

Дар умум, аз автореферати диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ бармеояд, ки рисолаи илмии номбурда дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола-Намозализода Шафқат Намозалӣ сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 -Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисод, профессор,
Ректори Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон

Маҳмадалӣ Б.Н.

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бӯстон, кучаи А. Баротов 6
tel./Fax: +992( 83451) 5 06 34
E-Mail.: gmit_tajikistan@mail.ru

Дурустии имзои Маҳмадалӣ Б.Н. - ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.